**Нусха**

аз ҷаласаи ғайринавбатии васеи кафедраҳои нақлиёти автомобилӣ, назарияи иқтисод, баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлили иқтисодӣ ва аудит, андоз ва андозбандӣ, менеҷменти Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав протоколи №9 аз 18.04.2022.

**Раиси ҷаласа:** н.и.и., дотсент, муовини ректор оид ба таълим Ҳамдамзода Х.А.
**Котиб:** н.и.и. Шодиев Б.С.

**Иштирок намуданд:** *Ҳамдамзода Х.А. – н.и.и., дотсент, раис; Шодиев Б.С. – н.и.и., котиб; Наимов Б.Қ. – н.и.и.; Джайлоев З.М. – н.и.и; Раҳимов П.С. – н.и.и.; Холназаров М.Х. – н.и.и; Гулов Қ.М. – н.и.и.; Шарипов И.О. – н.и.и.; Холов Н.Ш. – н.и.т.; Абдуллоев С.С., – н.и.т., дотсент;*
***Омӯзгорон:*** *Тошпулотов Ш., Абдуллоев Б.*
***Аспирантон ва унвонҷӯён:*** *Ҷалолзода Д., Маҳмадалиев Э., Салихов С., Эрматов М., Холов Т., Расулова Д., Султонов М., Лутфуллоев С.С., Холов З.*

**Рӯзнома**:

муҳокимаи байникафедравии кори диссертатсионии Ашуров Носир Амонқулович дар мавзуи «Рушди инфрасохтори нақлиётӣ–логистикии минтақа» (дар асоси маводи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон) тахти роҳбарии Раҷабов Раҷаб Кучакович, доқтори илмҳои иқтисодӣ, профессори Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иктисодиёти соҳавӣ (08.00.04.04 – Иқтисодиёти нақлиёт).

**Шунида шуд.** Баромади унвонҷӯи кафедраи нақлиёти автомобилии ДДБ ба номи Носири Хусрав Ашуров Носир Амонқулович дар мавзуи «Рушди инфрасохтори нақлиётӣ–логистикии минтақа» (дар асоси маводи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон).

**Баромад карданд:** муқарризи холис – н.и.и., дотсент, Джайлоев З.М. мудири кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун аъзои комилҳуқуқи ҷомеаи башарӣ, дар самти татбиқи ислоҳоти иктисодӣ ва ҳамгироии бештар ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ талош меварзад. Натиҷаи ин талошҳо буд, ки таи солҳои охир ислоҳоти иктисодӣ амалӣ гардида, дастовардхо ба монанди беҳтаргардонии инфрасохтори нақлиётӣ-логистикӣ таъмин гардид.

Кори илмии мазкур ба яке аз масъалахои мубрами рӯз бахшида шудааст ва дар он муаллиф кӯшидааст, ки дар асоси омӯзиши адабиёти ватанию хориҷӣ асосҳои методологии омӯзиши рушди инфрасохтори нақлиётӣ-логистикиро ба роҳ монад, мушкилоти мавҷудаи монеъашавандаи рушди соҳаи нақлиётро муайян созад ва оид ба беҳтар намудани инфрасохтори нақлиётӣ-логистикии вилояти Хатлон тавсияҳои аз ҷихати илмӣ асоснокшударо пешниҳод намояд. Умуман, муаллиф таҳқиқоти илмиро бо риояи тамоми талаботхои иҷроиши он ба итмом расонидааст, ки он дорои аҳамияти илмӣ мебошад.

Умуман, диссертатсияи Ашуров Н.А. кори илмии пурра баанҷомрасонида ҳисобида шуда, дар асоси талаботи илмӣ-назариявӣ ва амалияи муосир анҷом ёфтааст ва ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Точикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.04 – Иқтисодиёти нақлиёт) сазовор медонем.Эрод ва тавсияҳо дар тақриз дарҷ карда шудаанд.

Муқарризи холис – н.и.и., дотсент, Наимов Б.Қ. мудири кафедраи назарияи иқтисоди ДДБ ба номи Носири Хусрав. Омӯзиши инфрасохторҳои мавҷудаи нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла вилояти Хатлон нишон медиҳанд, ки онҳо инфрасохторҳои аз ҷиҳати техникӣ хуб инкишофёфта набуда ва хизматҳои баландсифатро, ки ба талаботи истеъмолкунандагон ҷавобгӯ бошанд, надоранд. Дар терминалҳои логистикӣ таҷҳизоти муосир мавҷуд нест, ки ба маҷмуи хизматрасониҳи дар равандҳои интиқол, навъбандӣ, борбардорӣ, борфарорӣ, тақсимот, коркарди борҳо, барасмиятдарории гумрукӣ ва хизматрасонии техникии қисми ҳаракаткунанда иҷро шаванда, имкон диҳад.

Дар хулоса ҳаминро мехоҳам қайд намоям, ки кори диссертатсионии Ашуров Носир Амонкулович дар мавзуи «Рушди инфрасохтори нақлиётӣ–логистикии минтақа» (дар асоси маводи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон) барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.04 - Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.04 – Иқтисодиёти нақлиёт) дар сатҳи лозимаи илмӣ-методӣ анҷом дода шуда, дорои муносибатҳои методологӣ ҷиҳати ҳаллу фасли мавзуи пешниҳодшуда мебошад. Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки нисбат ба диссертатсияи номзадӣ эълон мегардад, ҷавобгӯ буда, баъди ислоҳи камбудиҳо метавонад барои баррасӣ намудан, ба муҳокимаи навбатӣ пешниҳод гардад.

**Муҳокима:** дар муҳокимаи кори диссертатсионӣ Холов Н.Ш. – н.и.т.; Раҳимов П.С. – н.и.и., дотсент; Шодиев Б.С. – н.и.и., Холназаров М.Х. – н.и.и., Гулов Қ. М. – н.и.и., дотсент; Шарипов И.О. – номзади илмҳои иқтисодӣ; Абдуллоев С.С., – н.и.т., дотсент; Ҳамдамзода Х.А. н.и.и., дотсент, суханрони намуда дар баромадҳои худ оид ба рӯзмаррагии мавзуи таҳқиқот, сатҳи илмӣ, навовариҳои илмии он, аҳамияти амалӣ, саҳми унвонҷӯ дар коркарди масъалаҳои назариявии таҳқиқот ва ғайра сухан ронда, аз ҷумла қайд намуданд, ки дар маҷмуъ диссертатсия ба талаботи нисбат ба корҳои диссертатсионӣ пешниҳодшаванда ҷавобгӯ буда, он дорои маълумоти хусусияти илмӣ-амалӣ мебошад.

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Ашуров Носир Амонкулович дар мавзуи «Рушди инфрасохтори нақлиётӣ–логистикии минтақа (дар асоси маводи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади

илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.04 – Иқтисодиёти нақлиёт) пешниҳод гардидааст, баитмомрасида ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Ашуров Носир Амонкулович дар мавзуи «Рушди инфрасохтори нақлиётӣ–логистикии минтақа (дар асоси маводи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.04 – Иқтисодиёти нақлиёт) ба муҳокимаи расмӣ бо дарназардошти ислоҳи камбудиҳои ошкоргардида пешниҳод карда шавад.

3. Назорати қарори мазкур ба зимаи раиси ҷаласа, муовини ректор оид ба таълим, н.и.и., дотсент, Ҳамдамзода Х.А. вогузор карда шавад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи васеи кафедраҳои назарияи иқтисод, баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлили иқтисодӣ ва аудит, андоз ва андозбандӣ, менеҷмент, кафедраи нақлиёти автомобилии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз 18-уми апрели соли 2022, протоколи №9, қабул гардидааст.

Натиҷаҳои овоздиҳӣ: Иштирок – 21 нафар; Бо ҳуқуқи овоздиҳӣ – 10 нафар; Тарафдор – 10 нафар; Муқобил – нест; Бетараф – нест.

**Раис,**
муовини ректор оид ба таълими ДДБ ба номи Носири Хусрав, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент — Ҳамдамзода Х.А.

**Котиб,**
мудири кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудити ДДБ ба номи Носири Хусрав, номзади илмҳои иқтисодӣ — Шодиев Б.С.

**Муқарриз**
н.и.и., дотсент, мудири кафедраи фаъолияти бонкии ДДБ ба номи Носири Хусрав — Джайлоев З.М.

**Муқарриз**
н.и.и., дотсент, мудири кафедраи назарияи иқтисоди ДДБ ба номи Носири Хусрав — Наимов Б.Қ.

Имзои Ҳамдамзода Х.А., Шодиев Б.С.,
Джайлоев З.М. ва Наимов Б.Қ.-ро тасдиқ мекунам,
Сардори ШК ва корҳои махсуси
ДДБ ба номи Носири Хусрав
аз 26 05 2022 с. — Шукурзод Ҷ.А.

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
МУАССИСАИ ТАЪЛИМИИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ БОХТАР БА НОМИ НОСИРИ ХУСРАВ
ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС